# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтсодӣ Мирсаидов Муҳаммаднаим Негматович ба диссертатсияи номзадии Вазирзода Дилором Раҷамат, унвонҷӯи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзӯи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Вазирзода Дилором Раҷамат, соли таваллудаш 1986, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро, аз рӯи ихтисоси Менеҷмент - иқтисодчӣ хатм намудааст. Аз соли 2015 ба ҳайси унвонҷӯ қабул шуда, ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул мебошад.

Мавзуи диссертатсияи номзадӣ: «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳсуб ёфта, дар шароити имрӯза муҳим арзиёбӣ гардида, бурдани таҳқиқот дар ин самт зарурати воқеӣ дорад.

Таҳқиқоти илмии дар доираи диссертатсияи номзадӣ анҷом ёфтаи Вазирзода Д.Р., аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 199 саҳифаи матни чопии компютерӣ навишта шуда, шомили 12 ҷадвал, 10 расм ва 5 диаграмма мебошад. Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот асоснок ва тавсиф карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян шудаанд, навгониҳои илмӣ ва аҳамиятнокии амалии натиҷаҳои бадастоварда мухтасар шарҳ дода шудааст.

Боби якум «Асосҳои назариявӣ - методологии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд» номгузорӣ гардида, дар он ҷанбаҳои илмии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд ва методологияи маблағгузории хурд ва усулҳои дарёфту фарогирии аҳолии камбизоату қашшоқ мавриди таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюм «Таҳлилу арзёбии вазъи маблағгузории хурд ва таъсири он ба сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ гардида, дар он вазъи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он, раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба пастравии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баҳогузорӣ гардидааст.

Боби сеюм «Самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ гардида, дар он тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди босубот дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзиши таҷрибаи ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсияи номзадӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Вазирзода Д.Р. вобаста ба мавзуи диссертатсияи номзадиаш 13 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, чоп намудааст.

Мазмуни асосии диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳои илмии назариявӣ ва амалии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, тариқи мақолаву маърӯзаҳо нашру муҳокима гардида, баҳои мусбат гирифтаанд.

Инчунин, Вазирзода Д.Р. дар кори диссертатсионии худ аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои маблағгузории хурд, маводҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботи солонаи мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд мақсаднок истифода намуда, ҳамчун сарчашма дар кори худ нишон додааст.

Мақсади таҳқиқот ин омӯзиши асосҳои назариявӣ - методологии маблағгузории хурд, таҳлилу арзёбӣ, таъсири он ба сатҳи камбизоатӣ ва пешниҳоди самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Барои расидан ба мақсади таҳқиқоти кори диссертатсионӣ ҳалли масъалаҳои зеринро унвонҷӯ муҳим дониста дар кори худ таҳқик намудааст:

- таҳқиқи ҷанбаҳои илмии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир ва Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд;
- таҳлилу арзёбии вазъи маблағгузории хурд ва таъсири он ба пастравии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди босубот дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пешниҳоди роҳҳои ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- омӯзиши таҷрибаи ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ ва тавсияи хусусиятҳои афзалиятнокии он.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия баъзе мушкилот ҷой доштанд, аммо унвонҷӯ аз уҳдаи ҳамаи онҳо муваффақона баромада, суботкорӣ, қатъият нишон дод ва босаброна сӯи ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоӣ равона шуд.

Бешакку шубҳа метавон гуфт, ки ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ба даст омадаанд, кори диссертатсионии Вазирзода Д.Р. ҷавобгӯи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Бо дарназардошти ин, диссертатсияи номзадии Вазирзода Д.Р.-ро барои гузаштани зинаҳои минбаъдаи ҳимоя тибқи тартиби муқаррааргардида тавсия менамоем.

**Тақризи роҳбари илмӣ, н.и.и.,**
**дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Мирсаидов М.Н.**

**735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб,**
**куч. С.Сафаров 16,**
**Тел:. (+992) 973-16-03-16,**
**E-mail: mirsaidovmn@gmail.com**

**Имзои Мирсаидов М.Н.-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**«__6__» __________ соли 2024**
**__________________ Амиров Ф.А.**